**ТАҚРИЗ**

**ба рисолаи илмии Гулбону Одинаева дар мавзӯи «Хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Ҳақназар Ғоиб. Душанбе, 2018, 165 с.**

Одинаева Гулбону рисолаи илмии хешро дар мавзӯи "Хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Ҳақназар Ғоиб" ҳамчун унвонҷӯ ба анҷом расондааст. Вай дар як вақт дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳамчун устод дарс мегуфт, вазифаи раҳбариро низ ба уҳда дошт ва ҳам дар вақтҳои муносиб дар сари мавзӯъи оид ба эҷодиёти шоир Ҳақназар Ғоиб фаъолият карда, воқеан, як рисолаи хеле хуб навиштааст. Гулбону дар рисолаи илмии худ, ки аз се боб иборат мебошад, ба масъалаҳои зерин диққат додааст: Ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Ҳақназар Ғоиб, зиндагинома ва осори адабии ӯро дар мавзӯъҳои гуногун, ки иборат аз нӯҳ фасл шудааст, ба таҳқиқ мегирад. Ҳамаи навиштаҳои дар бораи шоир ва осори ӯро ҳиҷҷа карда хонда, таҳқиқ менамояд. Дар боби мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори Ҳақназар Ғоиб муфассал андеша намуда, аз фаъолияти қаҳрамони лирикӣ, ишқу муҳаббат, ватандӯстию инсонпарварӣ, тавсифи падару модар ва бисёри дигар паҳлуҳои эҷодиёти шоир ба мулоҳиза даромада, хулосаҳои ҷолиб ба миён мегузорад. Навиштааст, ки мавзӯъҳо ҷолиб буда, симои волидон дар эҷодиёти ин шоир назаррас намоён мегардад, шеъру сурудҳои тӯёна ва бадеҳаҳои халқиро нисбат ба ҳамаи дигар шоирон хубтар ва самимитар ба қалам медиҳад. Ин хосият аз он ҷиҳат аст, ки ӯ аз синни наврасӣ ҳамроҳи падар ба чунин жанрҳои адабӣ шавқманд шуда, дар миёни мардум фаъолият менамуд. Муаллиф ҳамчунин менависад, ки Ҳақназар Ғоиб дар эҷодиёт шоири баркамол буда, дар мавзуъҳои сулҳу ҷанг, ватандӯстӣ ба устодон М.Турсунзодаву М.Қаноат пайрав омада, чунин оҳангҳоро қувват бахшидааст. Аз ин ҷиҳат ӯро дар шумори адибони машҳур Ғаффор Мирзо, М.Қаноат, Лоиқу Бозор ва ҳатто шоирони машҳури

Эрон ҷой медиҳад. Муаллифи диссертатсия ҳамчунин аз хусуси достонҳои сершумори эҷодиёти шоир ба мулоҳиза даромада, аз мазмунҳои таърихӣ ва ғоявию бадеии онҳо мулоҳиза карда, шоирро ҳамчун достоннависи номӣ муаррифӣ менамояд, ки М.Қаноат баҳои сазовор додааст. Муаллифи рисола хусусан дар бораи таърихи гузаштаамон, худшиносӣ ва худогаҳии миллӣ, кашфиёти илму техника ва табиатшиносӣ, таҳлилу таҳқиқи дунёи ботинии инсон, ки асоси эҷодиёти шоирро ташкил медиҳанд, бештар андеша кардааст. Г.Одинаева дар боби ниҳоии диссертатсия аз ҳунари шоирӣ, табиати ашъори шоир, жанру шаклҳои шеър, саноати бадеӣ, вазну қофия ва дигар паҳлуҳои назарии эҷодиёти шоир мулоҳиза кардааст. Чунон ки мебинем, муҳаққиқи эҷодиёти Ҳақназар Ғоиб ҳамаи паҳно ва паҳлӯҳои эҷодиёти шоирро дар ин рисола ба муҳокимав гирифта, симои ӯро ҳамчун шоири пурлаёқат, тозакору нававар дар миёни эҷодкорон намунаи қобили эҷодиёт нишон медиҳад.

Гулбону Одинаева духтари заҳматкаш аст, вай то он замон, ки мавзӯи илмиашро ба охир расонд, ҳамеша ҷустуҷӯ карда, ҳар маводе, ки дар атрофи эҷодиёти Ҳақназар Ғоиб мавҷуд буд, ҳамаро дастрас намуда, ба низом даровард ва таҳқиқ кард. Аз раҳбари мавзӯъ ва аз худи шоир низ маслиҳат пурсидаву мавод ҷустуҷӯ намуда, барои арзишманд анҷом ёфтани рисола зиёд кӯшиш кардааст. Маводи назариву таҳқиқӣ дар рисола зиёд истифода шудааст. Рисолаи илмии Гулбону Одинаева дар мавзӯи «Хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Ҳақназар Ғоиб» ҳоло дар ҳамин шакл ба охир расида, ба ҳамаи талаботи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон созгор буда, бо ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик арзандаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

**Раҳбари илмӣ:** **доктори илми филология, профессор**

21.10.2018 **Ш.А.Раҳмонов**

Тасдиқ мекунам н.к. кадр

ШУЪБАИ КАДРҲО